**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.05.2024, №74

Барои сазовор донистани Сатторова Дилрабо Қаҳоровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна дар мавзуи "Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 09-уми феврали соли 2024, суратҷаласаи №60 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сатторова Дилрабо Қаҳоровна 13-уми январи соли 1970 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1993 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси "филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик" хатм кардааст. Аз соли 2008 то ин замон дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон **Гулназарзода Жило Бурӣ.**

**Муқарризони расмӣ**: **Низомова Санобар Фахриевна** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

**Шаҳбози Рустамшо** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ Саидов Ҷаббор Зубайдович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Сатторова Дилрабо

Қаҳоровна дар мавзуи “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” ба бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Ҷойгоҳи зарбулмасалу мақолҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д.Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа. – Душанбе, 2019. – № 3(35). – С.43-51.

[2-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар забони ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / О. Маҳмадҷонов, Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих, фалсафа. – Душанбе, 2019. – №4(36). – С. 5-11.

[3-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Корбурди калимаҳои туркӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2(42). – С. 95-100.

[4-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 120-127.

[5-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Муродифоти ҷуфтистеъмол дар осори Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №2(42) – С. 132-137.

[6-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Муродифот дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Ж. Б. Гулназарзода, Д. Қ. Сатторова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №4(52) – С. 6-13.

**Мақолаҳои дар дигар маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ банашррасида:**

[7-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Материалы международной научно-практической конференции Таджикского государственного института языков им. Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2021. – С.203-207.

[8-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Калимаҳои сермаъно дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Забон – ҳастии миллат. Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 80-солагии н.и.ф., дотсент Ҳуснигул Талбакова. – Душанбе, 2023. – С. 150-157.

[9-М]. **Сатторова, Д.Қ.** Мутазодҳои зарфӣ ва феълӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ / Д. Қ. Сатторова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ". – Душанбе, 2023. – С. 190-193.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов **Шафоатов Азал Нусратович** мусбат буда, ҳамзамон, чунин эродҳо манзур шудаанд:

- хуб мебуд, агар аз ҷониби муҳаққиқ фасли алоҳидае таҳти унвони фарқияти забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар муқоиса бо забони осори нависандаи дигари адабиёти муосири тоҷик оварда мешуд.

- дар ягон саҳифаи автореферат схема, диаграмма ва гистограммаҳо нишон дода нашудаанд.

- дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 3,11,16, 18, 25).

2. **Тақризи** ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, професор **Мухторов Зайниддин Мухторович** низ мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- дар фишурдаи диссертатсия дар мавриди истифодаи истилоҳоти забоншиносӣ якрангӣ ба назар намерасад, масалан, муҳаққиқ дар як маврид **мутазод** навиштааст, дар мавриди дигар **антоним**.

- дар саҳифаҳои 5, 8, 11-и фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

3. **Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" **Қурғонов Зоҳид Деҳқонович** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Аз қабили:

- дар баъзе бобу фаслҳо таҳлили мисолҳо бештар сурат гирифтааст.
- дар автореферат чо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (12,6,23) ба назар расиданд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**
- дар баробари омӯзиш ва баррасии забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ вижагиҳои луғавӣ, маъноӣ, сарфӣ, сохтории калимаҳо, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳои дар ҳикояҳо истифодашуда ва ҳамчунин услуби нигориши нависанда **муайян карда шуд.**
- бори нахуст қабатҳои маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, аз қабили калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифот ва корбурди мутазод **мавриди омӯзиш қарор гирифтанд;**
- аввалин маротиба дар илми забоншиносӣ мавқеъ ва тарзи корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ, ба монанди вомвожаҳои арабӣ, русӣ-аврупоӣ, туркӣ-ӯзбекӣ **омӯхта шуд**;
- доираи корбурди калимаҳо вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бори аввал дар шакли ҷудогона **таҳқиқ карда шуд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** маводи мавриди таҳқиқ барои омӯзиши забони адабии нимаи аввали асри ХХ дар оянда заминае хоҳад гузошт. Инчунин, барои таълими фанҳои забони муосири тоҷик, луғатшиносӣ, услубшиносӣ ва хондани курсҳои махсус дар гурӯҳҳои филологӣ кумак хоҳад расонд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили В.А.Капранов, А. А. Киреев, В. Н. Клюева, В.В.Виноградов, Н. А. Лукянова, Г. С. Гвеникадзе ва олимони ватанӣ Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, И. Ҳасанов, Б Ниёзмуҳаммадов, Б. Камолиддинов, А. Муъминов, М. Н. Қосимова, Ҳ. Маҷидов, Д.Хоҷаев, Ҳ. Ҳусейнов, С. Сабзаев, Ш. Исмоилов, М. Аҳмадова, М. Н. Қосимова, Ҳ. Талбакова, Ш.Исматуллоҳ, М.Саломов, Қ.Мухторӣ, У.Саъдуллоев, Д. Фозилов, М. Мирзоева, Ж.Гулназарзода, А.Шарофиддинова, А. Юнусӣ ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои таҳқиқотии лингвистии мушоҳида, тасвиру муқоиса, таҳлили морфологӣ, услубӣ ва монанди инҳо истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқикро метавон барои таълими фанҳои забони муосири тоҷик, луғатшиносӣ, услубшиносӣ, хондани курсҳои махсус, барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти забоншиносӣ ва услубшиносӣ истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, вожаю истилоҳот, таъйини тарҳи кор, навиштани мақолаҳо мустақилияти андеша дорад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал дараҷаи омӯзиши забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотиро муайян намуда, роҳи таҳқиқи минбаъдаи масоили марбут ба луғатшиносӣ, маъношиносӣ, услубшиносии забони тоҷикӣ, ҷудо намудани гурӯҳҳои маъноии калимаҳо, мавқеи онҳо дар асари бадеӣ, мавридҳои истифодаи онҳо, хусусияти услубӣ касб кардани ин навъи воҳидҳои луғавиро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Сатторова Дилрабо Қаҳоровна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

28.05.2024.